**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комисия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б., аъзоёни комиссия – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сайисмонов Р., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.03.2024, суратҷаласаи №61 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмуминро дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Дар корхонаҳои кишоварзии мамлакат низоми бахисобгирии муҳосибӣ асосан ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ такя мекунад, ки ба воқеияти кунунии иқтисодиёти миллӣ мутобиқ аст. Арзёбиҳо оид ба натиҷаҳои молиявии истеҳсолот, ки аз ҷониби роҳбарияти корхонаҳои кишоварзӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо, инчунин истифодабарандагони берунии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҷо оварда мешаванд, барои муайян кардани вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолият имконият медиҳанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳама ҷонибҳо, ки иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро дар шакли ҳисоботи молиявӣ истифода мебаранд, назари хеле сода ба муҳтавои шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ҳамчун таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ мушоҳида мешавад.

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд “Моро зарур аст, ки маданияти баланди заминдориро риоя намуда, ҷиҳати истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираҳои об тадбирҳои доимӣ андешем”. Вобаста ба ин, ҳар як корхонаи бахши кишоварзӣ барои таҳия намудани стратегияи асосноки рушди худ ҳавасмандӣ зоҳир менамояд.

Дар амалияи баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ

ҳисобҳои махсус барои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот, яъне ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ бурда намешаванд ва онҳо дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ пешбинӣ нашудаанд.

Ислоҳоти куллии муносибатҳои иқтисодие, ки дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ идома дорад, ташкили оқилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баланд бардоштани саҳми онро дар идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ пешбинӣ менамояд. Рушди бобарори соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза қатъиян беҳтар намудани сифати идоракунии корхонаҳои кишоварзиро бо истифода аз усулҳои иқтисодии хоҷагидорӣ тақозо мекунад.

Мукаммалсозии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва таҳлили шарти ҳатмии мустаҳкам намудани муносибатҳои дохилихоҷагӣ дар корхонаи кишоварзӣ ва воҳидҳои сохтории он, имконияти қабули фаврии қарорҳои идоракунии асоснок, ба даст овардани самари иқтисодии зарурӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхона дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гадрдидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулоса дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монография, 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 18,7 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла, 13 ҷузъи чопӣ саҳми муаллиф мебошад) ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Абдулмуминзода Н.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдулмуминзода Н.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шурои диссертасионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- Шарифов Зариф Раҳмонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

- Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович – доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

- Ба ҳайси муассисаи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

3. Барои нашри эълони ҳимояи диссертатсия, ҷойгир намудани автореферат ва ҳуҷҷатҳо дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Қодирзода Д.Б.**

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
раиси Ассотсиатсияи бонкҳои
Тоҷикистон **Сайисмонов Р.**